## СУРАТҶАЛАСАИ №11

ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз «25» июни соли 2022 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** 15 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факултет

## РӮЗНОМА

1. Муҳокимаи диссертатсияи номзадии Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Шунида шуд:** Оиди ин масъала раиси Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дотсент Рабиев С.М. баромад намуда, қайд намуд, ки диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», ба ташхиси давраи дуюм қабул шуда буд. Сипас сухан ба муқарризони холис дода шуд.

Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Нематов Парвиз Сатторович баромад намуда бо тақризи хеш ҳозиринoро шинос намуд (тақриз замима мешавад): Дар шароити муосир асоснок намудани шартҳои педагогии рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи

фанҳои биологӣ), махсусан муҳим аст. Зарурият ва муҳимияти рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ) имрӯз пеш аз ҳама бо тағйироти куллии ҷомеаи мо дар тамоми сатҳҳо муайян мегардад, ки азнавсозии сифати таҳсилотро талаб мекунад. Агар рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим талаботи исроркоронаи такмили ҷомеа бошад, пас нисбати ҷавонон ва дар маҷмӯъ ба хонандагон аҳамияти бағоят муҳим дорад. Ин муаммо дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълимро дар ҷомеаи муосир мегузорад. Дар баробари ин коркарди нокифояи назариявию амалии масъалаи таҳқиқот мубрамияти онро собит менамояд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯи таҳқиқоти Дадобоева М.Б. хеле муҳим ва арзишманд ҳисобида мешавад. Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишгоҳ таҳия гардидааст.

Дар кори илмӣ асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; шартҳои педагогии рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим ошкор карда шудааст; амсилаи рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим коркард ва тариқи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ санҷида шудааст; таъминоти методии рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим таҳия ва коркард шудааст; истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим аз озмоиши санҷишӣ ва

тачрибавӣ гузаронида шудааст. Дар тақриз қайд карда шудааст, ки дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои пешгузошта шуда пурра ҳалли худро ёфтаанд ва рисола ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Вализода Шоирахон – номзади илмҳои педагогӣ, муқарризи холис, баромад намуда бо тақризи хеш ҳозиринро шинос намуд(тақриз замима мешавад): Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадкиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятиҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад. Дар бобати муайян сохтани шартҳои педагогии рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълимро, ки иборат аз интихоби супоришҳои махсус, маводи озмоишӣ-тачрибавии натиҷаи оморӣ дошта, хулосаҳои бадастомада аз таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мебошад, шаҳодат медиҳад. Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадкиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадкиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст. Умуман, мундариҷаи рисола ба талаботи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст ва рисола барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 пешниҳод карда мешавад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267 муқаррар гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.

2. Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров” пешниҳод карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факултет Рабиев С.М.

Котиби ҷаласа Раҳмонова Д.З.